Wondershare
PDFelement

**МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»**

«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ ичтимоии Тоҷикистон»
_______________ н.и.и. Ибодзода З.Ҳ.
«26» ____11____ 2020, № 35

Wondershare
PDFelement

# ДАСТУРИ ВАЗИФАВИИ КУРАТОРИ ГУРӮҲИ АКАДЕМИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

**Душанбе-2020**

Wondershare
PDFelement

**ДАСТУРИ**
**вазифавии куратори гурӯҳи академии Муассиси таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»**

1.**Муқаррароти умумӣ**

1.1.Ба вазифаи куратори гурӯҳи академӣ омӯзгоре таъин карда мешавад, ки дар ҳамон факултет фаъолият менамояд ва таҷрибаи на камтар аз се соли омӯзгорӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбиро дорад. Куратор масъули корҳои таълимию тарбиявӣ дар гурӯҳи ба ӯ вобастакардашуда мебошад. Фаъолияти куратор дар гурӯҳи академӣ дар давраи таҳсили донишҷӯёни гурӯҳ аз курси 1 то хатми донишкада дар асоси нақшаи кории тасдиқнамудаи муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ба роҳ монда мешавад.

1.2.Куратори гурӯҳи академӣ бо пешниҳоди декани факултет дар мувофиқа бо мудири кафедраи тахассусӣ ва бо фармоиши ректори донишкада ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад.

1.3.Куратори гурӯҳи академӣ фаъолияти худро мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», дигар қонунҳои амалкунанадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон», Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои ректори МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон», супоришҳои садорати факултет, амрҳои декани факултет ва дастурамали мазкур амалӣ менамояд.

1.4.Куратор дар гурӯҳи академӣ корҳои таълимию тарбиявиро ба роҳ монда, алоқаи гурӯҳи академиро бо садорати факултет, иттиҳодияҳои ҷамъиятии факултет ва донишкада барқарор менамояд.

1.5.Фаъолияти кураторӣ қисми таркибии фаъолияти омӯзгории ӯ маҳсуб меёбад ва дар нақшаи инфиродии ӯ сабт мешавад. Шакли асосии фаъолияти куратор кор бо гурӯҳ ва кори инфиродӣ бо ҳар як донишҷӯ мебошад. Фаъолияти куратор ба тарбия намудани донишҷӯён дар рӯҳияи ватандустиву хештаншиносӣ, ифтихори милливу одамдӯстӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, ташаккул додани шахсияти солим, ба вуҷуд овардани фазои солими муносибатҳо дар гурӯҳ, дар донишҷӯён ташаккул додани муносибат софдилона ба донишандӯзӣ, ҷалб намудани донишҷӯён ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва чорабиниҳои маданӣ-равшаннамоӣ равона карда мешавад. Барои ба роҳ мондани фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ куратор аз усулҳои гузаронидани маҷлис, сӯҳбат, вохӯрӣ бо волидайн ва сарпарастони донишҷӯён, саёҳат (экскурсия» ва ғайра истифода мебарад.

1.6.Куратори гурӯҳи академӣ дар фаъолияти худ бевоста ба Шӯрои кураторони факултет, инчунин муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ

Wondershare PDFelement

итоат мекунад ва доир ба фаъолияти худ дар назди Шӯрои кураторони факултет соле ду маротиба ҳисобот медиҳад.

## 2. Вазифаҳои куратор

2.1.Куратори гурӯҳи академӣ вазифадор аст:

- иштироки донишҷӯёни гурӯҳи академиро ба машғулиятҳо, чорабиниҳои факултет ва донишкада таъмин намояд;
- ҳамгироии фаъолияти гурӯҳи академиро бо дигар воҳидҳои таркибии донишкада ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба роҳ монад;
- донишҷӯёни фаъолро бо мақсади ҷалб намудан ба самтҳои гуногуни ҳаёти донишкада таъмин намояд;
- гурӯҳро бо навтарин хабарҳоирӯзмара  таъмин намояд;
- дар донишҷӯён муносибати ҷиддиро нисбат ба таҳсил ва корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ тарбия намояд;
- ташаккул додани коллективи ҳамаҷиҳата муттаҳид ва дар донишҷӯён тарбия намудани шахсияте, ки шавқу ҳаваси худро бо шавқу ҳаваси гурӯҳ мувофиқа карда метавонад;
- чорабиниҳоро ҷиҳати пешгирӣ кардани рафторҳои номатлуб; ҷалб нагардидан ба гурӯҳхо ва ҳизбҳое, ки тибқи қонунгузории дар қаламрвӣ ҷумҳурӣ фаъолияташон манъ карда шудааст, дар байни донишҷӯён ба роҳ монад;
- дар донишҷӯён маҳорату малакаи фаъолияти ташкилотчигӣ, маҳорати кор бо гурӯҳро ташаккул диҳад;
- корҳои тарбиявро бо гурӯҳ ба нақша гирад;
- ба донишҷуён барои ташкил намудани худомӯзӣ ва самаранок гузаронидани вақти холӣ ёрии методӣ расонад.

## 3.Ӯҳдадориҳои куратор

3.1.Куратори гурӯҳи академӣ ӯҳдадор аст:

- фаъолияти худро дар асоси нақшаи солонаи фаъолияти садорати факултет ба роҳ монад;
- дар бораи донишҷӯёни гурӯҳи академӣ маълумоти зарурӣ дошта бошад: ному насаб, соли таваллуд, нишонаи ҷойи истиқомати волидайн, нишонаи ҷойи истиқомати донишҷӯ дар давраи таҳсил, соли хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, соли дохилшавӣ ба донишкада, мансубияти ҳизбӣ ва мансубият ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иштирок дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, маҳфилҳои илмӣ, вазъи оилавӣ ва шуғли волидайн;

Wondershare
PDFelement

- маҷлисҳои гурӯҳи академиро ташкил намуда, шахсан дар онҳо иштирок намояд, дар ҳама гуна чорабиниҳое, ки донишҷӯёни гурӯҳ иштирокчии онҳо мебошанд, иштирок намояд;

- аз болои пешрафти донишҷӯён назорати доимиро ба роҳ монда, ҳангоми зарурат ёрии саривақтӣ расонад, дар бораи сатҳи донишазхудкунии донишҷӯён, иштироки онҳо дар дарсҳо ва дараҷаи муносибатҳои байнишахсӣ дар гурӯҳ маълумот дошта бошад;

- бо омӯзгороне, ки дар гурӯҳи академӣ дарс мегӯянд, алоқаи доимиро ба роҳ монад;

- дар интихоб ва таъйини сардори гурӯҳ иштирок намояд;

- расонидани ёрии амалӣ оид банизом даровардани ҷадвали кори давраҳои санҷишиву имтиҳонӣ ва ташкили навбатдорӣ дар факултет;

- ҳангоми аз тарафи донишҷӯён вайрон намудани қоидаҳои тартиботи дохилии донишкада чораҳои саривақтии таъсиррасонӣ андешад;

- тибқи ҷадвали тасдиқнамудаи садорати факултет ва дар мавридҳои зарурӣ берун аз ҷадвал аз аҳволи донишҷӯёни дар хобгоҳ истиқоматкунанада, хабар гирад;

- дафтари кураторӣ дошта бошад;

- супоришҳои садорати факултетро дар муҳлати муқарраршуда иҷро намояд.

**4.Ҳуқуқҳои куратори гурӯҳи академикӣ:**

**4.1.Куратори гурӯҳи академӣ ҳуқуқ дорад:**

- ба садорати факултет оид ба ташкил намудани корҳои таълимӣ-тарбиявӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва маданӣ-равшаннамоӣ дар гурӯҳ пешниҳод ирсол намояд;

- барои муҳокимаи раванди таълиму тарбия дар гурӯҳ маҷлиси гурӯҳӣ ва маҷлиси падару модаронро даъват намояд;

- дар ҷадвали дарсии факултет гузаронидани дарсҳои тарбияиро ба нақша гирад;

- номзадии донишҷӯёни фаъолро барои ҳавасманднамоӣ ба садорати факултет пешниҳод намояд;

- дар сурати аз тарафи донишҷӯён такроран мушоҳида шудан оид ба вайрон кардани «Қоидаҳои тартиботии дохилии донишкада» номзадии онҳоро барои додани муҷозоти интизомӣ ба садорати факултет пешниҳод намояд;

- номзадии донишҷӯёни бепарастор ва эҳтиёҷмандро барои гирифтани кӯмакпулӣ пешниҳод намояд;

- дар мувофиқа бо садорати факултет барои таъмини моддии чорабиниҳои маданӣ-оммавӣ ба раёсати донишкада пешниҳод ирсол намояд;

- дар ҷаласаҳои садорат, Шӯрои олимони факултет ва Шӯрои кураторони гурӯҳои академикӣ, ки масъалаҳои мутааллиқ ба гурӯҳ ё

Wondershare
PDFelement

донишҷӯи алоҳидаи гурӯҳи ба ӯ вобастакардашуда муҳокима карда мешавад, иштирок намояд;

- дар ҳолати зарурӣ бо волидайн ё хешу табори донишҷӯён, инчунин муассисае, ки онҳоро сарпарастӣ менамояд, алоқаро барқарор намояд.

Дастури вазифавии куратори гурӯҳи академии «Муассиси таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» дар ҷаласаи Раёсати донишкада аз 16.11.2020, №3/5 баррасӣ ва ҷонибдорӣ карда шудааст.

Wondershare
PDFelement

Wondershare PDFelement

**Қ А Р О Р И**
**ҶАЛАСАИ РАЁСАТИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ**
**“ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН”**

**аз .16.11..2020 с., №________**

**Дар бораи “Дастури вазифавии куратори гурӯҳи академӣ”-и Муассиси таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»**

Ҷаласаи Раёсати Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” пешниҳоди муовини ректор оид ба тарбия Холходжаева Г.А.-ро дар бораи “Дастури вазифавии куратори гурӯҳи академии Муассиси таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» баррасӣ намуда

**ҚАРОР КАРД:**

1.Пешниҳоди муовини ректор оид ба тарбия Холходжаева Г.А. дар бораи “Дастури вазифавии куратори гурӯҳи академӣ”-и Муассиси таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

2.Дастури вазифавии куратори гурӯҳи академии Муассиси таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» барои тасдиқ ба ректори донишкада пешниҳод карда шавад.

3.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи мудири Шуъбаи кадрҳо Муминзода С.Р. вогузор карда шавад.

Раиси Ҷаласа,
Ректор З.Ҳ.Ибодзода

Wondershare PDFelement